ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна** дар мавзӯи « Шароитҳои психологӣ – педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Рисолаи унвонҷӯй Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна ба таҳқиқи проблемаи муосир - шароитҳои психологӣ - педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ дар муҳити муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила бахшида шудааст. Ташаббус ва ибтикороти муаллифи рисола ба омӯзиши хусусиятҳои парвариши одоби муошират дар кӯдакон, раҳёфти усул ва воситаҳои тарбияи одоби муошират дар ҳамкории муассисаи томактабӣ бо оила ва коркарди технологияи тарбияи бартарӣ ва афзалии ҳусни муошират дар кӯдакони синни томактабӣ чун омили пешбарандаи ташаккули шахсияти кӯдакони хурдсол арзёбӣ мегардад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти мавҷудияти асосҳои бунёдӣ ва назариявии мавзӯи таҳқиқот коркарди падида ва унсурҳои навгонии мавзуи интихобшударо баррасӣ ва ҳаллу фасл кардааст. Аз нигоҳи муаллиф тарбия ва ташаккули одоби муоширати кудакони синнусоли томактабӣ раванди муракаббу пайваста рушдёбанда буда, он ба ҳамкории муассисаи таҳсилотии томактабӣ ва оила асос меёбад ва аз самтҳои мубрам ва муҳиму зарур маҳсуб меёбад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажуҳиш ва дурнамои мавзӯи таҳқиқ бори нахуст дар илми педагогии кишвар масъалаи муошират ва тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни калони томактабиро аз нигоҳи психологӣ - педагогӣ меомӯзад. Аз ин лиҳоз андешаҳои консептуалӣ оид ба хусусиятҳои азхудкунии қоида ва меъёрҳои одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ коркард гардида, масъалаи мувофиқат кардани талаботҳо ба одоби муошират дар кӯдакони синни

томактабӣ дар зерхати меъёрҳои одоби муошираты миллӣ роҳандозӣ карда шудааст.

Инчунин тазаккур бояд долд, ки фарогирии методу воситаҳои тарбия намудани одоби муошират дар ҳамкории мураббия ва волидон аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок гардида, дар заминаи тадқиқоти назариявӣ ва кори озмоишӣ тавсияҳои психологӣ - педагогӣ пешниҳод гардида, он ҳама дар беҳдошти тарбия ва ташаккули одоби муошираты кӯдакон арзишманд арзёбӣ мегардад.

Дар рисола ҳамчунин талаботи ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, тарбияи кӯдакон дар оила, низоми ташаккулдиҳии одоби муошират дар кӯдакон таҳия карда шуда, онро кормандони педагогӣ, падару модарон, дар таълиму тарбияи кӯдакон метавонанд ба таври эҷодӣ, вобаста ба назардид ва таҷрибаи худ истифода баранд. Собик гардидааст, ки кӯдакон дар давраи томактабӣ имконият ва нерӯи азхудкунии одоби муоширатро доранд ва дар ин раванд ҳамкории волидонӯ кормандони муассисаҳои томактабӣ омили муҳим пазируфта шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи онро ғояи муаллиф дар бобати одоби муошират ҳамчун маҷмӯи маҳорату малакаҳои муоширатии кӯдакон ташкил медиҳад, ки он дар раванди фаъолиятҳо шакл мегирад ва ба азхудкунӣ ва истифодаи меъёрҳои каломи модарӣ, қоида ва меъёрҳои одоби муошираты миллӣ алоқаманд мебошад.

Дар рисола инчунин коркард ва таснифи технологияи тарбияи одоби муошират аз тарафи калонсолон вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ, имкониятҳои таъсиррасонӣ ба ҷанбаи ахлоқӣ ва нерӯи азхудкунии кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод шудааст, ки қимати амалии корро афзун менамояд.

Муаллифи рисола мутмаин аст, ки раванди тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синнусоли томактабӣ аз шинос намудан ба қоида ва меъёрҳои одоби муошират, фаҳмонда додани аҳамият ва роҳу

усулҳои риоя намудани онҳо, баҳо додан ба маҳорату малакаҳои риоя кардани меъёрҳои одоби муоширату нутқронӣ ва ғайраҳо иборат мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти томактабӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола диссертатсия асоснок шудааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз нигоҳи бунёдӣ асоснокии ғояҳо ва мулоҳизоти проблемаи таҳқиқ, коркарди амсилаи консептуалӣ бармеояд. Чунин иқдом имкон фароҳам овардааст, ки дар партави муносибати фарох ба раванди тарбияи одоби муошират дар кӯдакон дастуру тавсияҳои асоснокшудаи муаллифи рисола пешниҳод гарданд.

Қимати амалии рисола бо он шарҳ меёбад, ки натоиҷи таҳқиқоти мазкурро ҳангоми таълими фанҳои «Педагогикаи томактабӣ», «Психологияи бачагона», «Психологияи муносибатҳои оилавӣ», «Назария ва методикаи инкишофи нутқи кӯдакон» ва дигар фанҳои тахассусӣ дар коллеҷ ва донишгоҳӣ омӯзгорӣ метавон фаровон истифода бурд, зеро он дар самти самарабахшии тайёрии касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, омодагии донишҷӯён ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ва тарбияи оилавӣ, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилотӣ истифода роҳи васеъ мекушояд.

Ба андешаи мо, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи томактабӣ мебошад. Он ба талаботи давру замон бобати ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадами фаъолияти мураббиёну мутахассисони соҳаи таълиму тарбияи томактабӣ дар парвариши одоби муоширати кӯдакон мувофиқат хоҳад кард.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда унвонҷӯй далелу

маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти тадқиқоти мазкур аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадқиқоти масъалаи пешгирифтаро дар робита бо истифодаи технологияи тарбияи одоби муошираты кӯдакони синнусоли томактабӣ мувафаққона ва пуарзиш анҷом додааст.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқати комил дорад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри солим 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Чалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарриз

доктори илмҳои педагогӣ, профессор,

сармутахассиси шуъбаи назария ва таърихи педагогика

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич

14 январи соли 2021

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 17. Телефон: (+992) 918506318. E-mail: snegmas@rambler.ru

Имзои С.Э. Негматовро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ Саидова М.

14 январи соли 2021